Масъалаи тағйирёбии иқлим



1 Дараҷаи миёнаи ҳарорати ҳаво дар Замин дар муқоиса бо миёнаи асри 19:

А	тағйир наёфтааст;
Б	паст шудааст;
В	зиёд шудааст;
Г	якбора зиёд шуда, сипас боз паст шудааст.

2	Ҳарорати рӯи Замин дар муқоиса бо нимаи дувуми асри XIX чӣ қадар афзоиш ёфтааст?
А	1,2 °C
Б	2 °C
В	5 °C
Г	10 °C

3	**Пардаи ҳавоии болои замин чӣ ном дорад:**
А	**гидросфера;**
Б	**литосфера;**
В	**атмосфера;**
Г	**криосфера.**

4	**Иқлим - ин:**
А	**реҷаи бисёрсолаи ҳаво дар қаламрави муайян аст;**
Б	**хусусияти обу ҳаво, ки ишора мекунад ба басомади боришҳо;**
В	**вазъияти обу ҳаво дар давоми ҳафта;**
Г	**тасаввуроти шахсони калонсол, нишонаҳои обу ҳаво.**

5	Кадоме аз ин параметрҳо барои хусусиятҳои иқлими минтақаи мазкур истифода намешаванд?
А	ҳарорати ҳаво;
Б	реҷаи боришҳо;
В	шамолҳои доим вазанда;
Г	тӯл.

6	**Кадом навъи иқлим барои шаҳри Барселона дар Испания хос аст?**
А	**экваторӣ;**
Б	**муътадил;**
В	**тропикӣ;**
Г	**субтропикӣ.**

7	**Иқлими бештар намнок хос аст барои:**
А	**Ирландия;**
Б	**Муғулистон;**
В	**Африқои шимолӣ;**
Г	**Юнон.**

8	**Барои кадом камарбанди иқлимӣ ҳарорати доимии баланди ҳаво ва миқдори зиёди боришҳо хос аст, ки дар давоми сол баробар меборанд?**
А	**экваторӣ;**
Б	**субэкваториалӣ;**
В	**тропикӣ;**
Г	**субтропикӣ.**

9	Навъи иқлимро муайян кунед: «Дар тобистон дараҷаи миёнаи ҳарорат +30 °С, дар зимистон - +20°С аст, бисёр бориш мешавад, аммо асосан дар давраи тобистон».
А	Экваторӣ;
Б	субэкваториалӣ;
В	тропикӣ;
Г	субтропикӣ.

10	**Кадом массаи ҳаво зимистон дар камарбанди иқлимии субэкваториалии нимкураи шимолӣ амал мекунад?**
А	**арктикӣ;**
Б	**муътадил;**
В	**экваториалӣ;**
Г	**тропикӣ.**

11	Барои кадом навъи массаи ҳавоӣ ҳарорати баланд ва намнокии паст хос аст?
А	Барои ҳавои арктикӣ;
Б	барои ҳавои муътадил;
В	барои ҳавои экваторӣ;
Г	барои ҳавои тропикӣ.

12	**Минтақае дар сайёра, ки дар он ҷо баландтарин дараҷаи ҳарорати ҳаво дар соя +56,7 °С аст:**
А	**биёбони Намиб;**
Б	**баҳри Мурда;**
В	**водии Марг;**
Г	**биёбони Саҳро (Сахара).**

13	**Дар куҷо гармшавии иқлим зудтар рӯй медиҳад?**
А	**дар Аврупои ҷанубӣ;**
Б	**дар арзҳои тропикӣ;**
В	**дар Арктика;**
Г	**дар нимкураи ҷанубӣ.**

14	**Илме, ки ба мушоҳида, омӯзиш ва пешгӯии обу ҳаво машғул аст, чӣ ном дорад?**
А	**Иқлимшиносӣ;**
Б	**гидрология;**
В	**пиряхшиносӣ;**
Г	**оубҳавошиносӣ.**

15	**Илми палеоклиматология чиро меомӯзад?**
А	**Тағйироти иқлим дар замони муосир, ки бо фаъолияти инсон вобаста аст;**
Б	**иқлими гузашта;**
В	**Шароитҳои иқлимӣ дар кӯҳҳо;**
Г	**иқлими оянда.**

16	Кадоме аз ин методҳоро олимон барои донистани он истифода мебаранд, ки иқлим дар Замин садҳо ҳазор сол қабл чӣ гуна буд?
А	Омӯзиши ҳалқаҳои солонаи дарахтон;
Б	омӯзиши ҳубобҳои ҳаво дар яхҳои Антарктика;
В	омӯзиши тасвирҳои моҳвораҳои кайҳонӣ;
Г	омӯзиши додаҳои мушоҳидаҳои обуҳавошиносӣ.

17 **Охирин давраи яхбандон кай ба охир расид?**

А Наздики 100 сол пеш;

Б наздики 1000 сол пеш;

В наздики 10 000 сол пеш;

Г наздики 100 000 сол пеш.

18	Кай аз рӯи пешгӯиҳои олимон давраи навбатии яхбандон мумкин аст фаро расад?
А	ҳеҷ гоҳ;
Б	пас аз 1-3 миллион сол;
В	пас аз 10-30 ҳазор сол;
Г	пас аз 100-300 сол.

19	**Кадоме аз омилҳои номбаршуда ба иқлим (дар миқёси чанд сол ё даҳсолаҳо) танҳо таъсири кӯтоҳмуддат мерасонанд?**
А	**Ҳаракати материкҳо;**
Б	**хуруҷи вулқон;**
В	**тағйир додани кунҷи майлони меҳвари замин;**
Г	**партобҳои газҳои гулхонаии вобаста ба фаъолияти инсон.**

20 Чӣ гуна хуруҷи вулқонҳо ба иқлим таъсир мерасонанд?

А Ҳеч гуна таъсир намерасонанд;

Б боиси баланд шудани ҳарорат мегарданд;

В боиси паст шудани ҳарорат мегарданд;

Г дар ҷое боиси баланд шудани ҳарорат мегарданд ва дар ҷое боиси паст шудани ҳарорат мегарданд.

21 Кадоме аз газҳои номбаршуда газҳои гулхонаӣ ҳастанд?

А Нитроген (N_2);

Б Гази карбон (CO_2);

В Оксиди карбон (CO);

Г оксиген (O_2).

22	**75 % ҳамаи газҳои партобшудаи вобаста ба фаъолияти инсон ба кадом гази гулхонаӣ рост меоянд?**
А	**Гази метан (CH_4);**
Б	**гази карбон (CO_2);**
В	**гексафториди сулфур (SF_6);**
Г	**оксиди динитроген (N_2O).**